***УДК 930***
***ББК 63.3 (5Т)***

**_АЗ ТАЪРИХИ ДИГАРГУНСОЗИҲОИ КИШОВАРЗӢ ДАР ҶМШС ТОҶИКИСТОН_**

**_Ҳомидзода Фурқат Муқим,_** *д.и.т., профессор, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

**_ИЗ ИСТОРИИ ПРЕОБРАЗОВАНИЯ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА ТАДЖИКСКОЙ АССР_**

**_Хомидзода Фуркат Муким,_** *д-р.ист.наук., профессор, заведующий кафедрой истории таджикского народа ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

**_FROM THE HISTORY OF AGRICULTURE TRANSFORMATION IN TAJIK ASSR_**

**_Homidzoda Furqat Muqim,_** *Doctor of Historical Sciences, Professor, Head of the Department of History of the Tajik People, TSULBP (Tajikistan, Khujand)* **_E-MAIL:_** *furkat.hamidov@mail.ru*

**_Калидвожаҳо:_** *ҶМШС Тоҷикистон, Комиссариати халқии зироаткорӣ, муборизаи синфӣ, дигаргунсозии аграрӣ, ислоҳоти замину об, сиёсати аграрӣ, эъломия*

*Фаъолияти ташкилотҳои ҳизбӣ ва комитети инқилобии ҶМШС Тоҷикистон оид ба амалӣ гардонидани сиёсати аграрӣ ва ҳалли мушкилоти кишоварзӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Таъсиси Комиссариати халқии зироаткорӣ, Саридораи хоҷагии об, Анбори давлатии кишоварзӣ ва Фонди давлатии тухмӣ заминаҳои воқеии татбиқи сиёсати кишоварзии Ҳукумати Шӯравиро дар ҷумҳурӣ бунёд гузоштанд. Масъалаҳои зерини амалӣ гардонидани тадбирҳои иҷтимоӣ ва аграрӣ дар деҳоти тоҷик ба риштаи таҳлил кашида шудаанд: бозгардонидани муҳоҷирон аз Афғонистон, ба деҳқонон додани замин, ба деҳқонон додани қарзи давлатӣ, ташкили интихобот ба шӯроҳои маҳаллӣ ва ғайра. Усулҳои рафъи қафомонии деҳқонон, ки монеаи асосӣ дар роҳи татбиқи ислоҳоти замину об дар ҶМШС Тоҷикистон ба шумор мерафтанд, зикр шудаанд. Таҷрибаи мазкури оғози солҳои 20-уми қарни XX дар солҳои аввали соҳибистиқлол шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон, вақте ки мамлакат бо мушкилоти мушобеҳ рӯ ба рӯ гардид, муфид буд.*

**_Ключевые слова:_** *Таджикская АССР, Наркомат земледелия, классовая борьба, аграрные преобразования, земельно-водная реформа, аграрная политика*

*Рассматривается деятельность партийных организаций и Революционного комитета Таджикской АССР по осуществлению аграрной политики и решению проблем сельского хозяйства. Создание Наркомата земледелия, Главного управления водного хозяйства, Государственного сельскохозяйственного склада и Государственного семенного фонда заложило реальную основу для проведения советской сельскохозяйственной политики в республике. Рассматриваются вопросы проведения социальных и аграрных мероприятий в таджикском кишлаке: возвращение на родину беженцев из Афганистана, наделение дехканства землей, выделение ему государственных ссуд, организация выборов в местные Советы и т.д. Показано преодоление классовой незрелости дехканства, которая была основным препятствием для проведения в Таджикской АССР земельно-водной реформы. Этот опыт был полезен в первые годы обретения Республикой Таджикистан независимости, когда страна столкнулась с похожими проблемами.*

***Key-words:*** *Tajik ASSR, People's Commissariat of Agriculture, class struggle, agrarian transformations, land and water reform, agrarian policy*

*The article dwells on the activities of party organizations and the Revolutionary Committee of the Tajik Autonomous Soviet Socialist Republic; the former being targeted at implementation of agrarian policy and the problems beset with agriculture. Creation of People's Commissariat, of Agriculture Central Managerial Office of waterhold, State Agricultural Storage and State Fund of Seeds laid a real foundation for implementation of Soviet agricultural policy in the republic. The author touches on the issues of social and agrarian measures in Tajik villages, return of refugees from Afghanistan to their homeland, donation of land to dekhkans, apportionment of state loans among them, organization of elections to local bodies (Soviets) and etc. Overcoming of class immaturity of dekhkanship is shown in the article as it was the main impediment for carrying out a water-land reform in the Tajik ASSR. This experience came in handy in the first years of independence of Tajikistan Republic when the country confronted similar problems.*

Масъалаҳои кишоварзӣ дар ду соли аввали таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар фаъолияти мақомоти ҳизбӣ ва Кумитаи инқилобӣ, ки дар ҷумҳурӣ ҳокимияти комилро ба даст гирифта буданд, мавқеи махсусро ишғол мекарданд.

Барои роҳбарии бевосита ба соҳаи кишоварзӣ дар ин ҷумҳурии аграрӣ Комиссариати халқии зироаткорӣ, Сарраёсати хоҷагии об, Анбори давлатии кишоварзӣ ва Фонди давлатии тухмӣ таъсис дода шуданд. Дар баҳори соли 1925 аз ҳисоби намояндагони Кумитаи инқилобӣ, як қатор муассисаҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ Кумитаи марказии киштукор ташкил карда шуда буд, ки минбаъд ба мақоми доимоамалкунандаи дорои ваколатҳои зиёд оид ба гузаронидани корҳои кишоварзӣ табдил ёфт.

Ҳамзамон заминҳои вақф ба салоҳияти Саридораи вақф гузаронида шуданд. Назорат ба истифодаи дурусти ин навъи заминҳо яке аз вазифаҳои муҳимми саридораи мазкур ба шумор мерафт.

Зикр намудан зарур аст, ки вазифаи асосии ҳамаи мақомоти давлатӣ ва ҳизбии масъул ба масъалаҳои кишоварзӣ дар навбати аввал бартараф намудани харобиҳои пасазҷангӣ ва расонидани кӯмаки моддӣ ба деҳқонон буд. Аз он сабаб, ки захираҳои моддии худии ҷумҳурӣ маҳдуд буданд, дар ҳалли ин мушкилот давлати шӯравӣ кӯмаки назаррас мерасонд. Аз ҳисоби маблағгузорӣ аз буҷети Ҳукумати умумииттифоқӣ хоҷагиҳои деҳқонии ноҳияҳои Бухорои Шарқӣ ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ки аз беҳосилӣ бештар зарар дида буданд, кӯмакҳои озуқаворӣ, тухмӣ ва қарзҳои пулӣ гирифтанд. Аҳолии ин ноҳияҳо, ки дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ аз ҳама бештар осеб дида, мушкилоти зиёди озуқавориро аз сар гузаронида буданд, ба мӯҳлати ду сол аз пардохти андози кишоварзӣ озод карда шуданд (аҳолии ВМКБ дар солҳои минбаъда низ аз андоз озод карда шуда буданд).

Ҳамзамон, Ҳукумати Шӯравӣ барои баргардонидани шаҳрвандоне, ки дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ бинобар гумроҳӣ ва ё маҷбур кардан аз ҷониби босмачиён ба Афғонистон ҳиҷрат намуда буданд, чораҳои муассир андешид. Бо ин мақсад моҳи декабри соли 1924 Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон ба деҳқонону меҳнаткашони муҳоҷир, ки хоҳиши ба ватан баргаштан ва машғул шудан ба меҳнати осоишта доштанд, муроҷиатнома қабул намуда, кафолати дастгирии давлатиро дар ташкили хоҷагидорӣ дод. [1, с.68] Дар моҳи апрели соли 1925 дар назди Кумитаи инқилобӣ Комиссияи марказии кумакрасонӣ ба муҳоҷирони бозпасомада таъсис ёфта буд.

Он солҳо вазъи деҳқононе, ки ба Афғонистон ҳиҷрат намуда буданд, хеле вазнин буд.

Ҳукумати Афғонистон ба онҳо заминҳои камҳосил ва нокорамро ҷудо намуда, барои истифодаи ин заминҳо иҷорапулии баланд муқаррар карда буд. Илова бар ин, деҳқонон ба фоидаи амири собиқи Бухоро низ андози вазнин месупурданд. Ба сабаби мушкилию вазнинии зиндагӣ дар ғарибӣ ва овозаҳо дар бораи ба деҳқонони меҳнаткаш ёрӣ расонидани Ҳокимияти Шӯравӣ аз охири соли 1925 бозгашти муҳоҷирон ба ватан оғоз ёфт. Худи раванди бозгашт кори осон набуд: саркардагони муҳоҷират ба бозгашти деҳқонони одӣ мамониат мекарданд, мансабдорони афғон бошанд ҳангоми убури марз чорво ва амволи муҳоҷиронро кашида мегирифтанд [2, с.37]. Ба ин нигоҳ накарда, бисёре аз деҳқонон тавонистанд ба макони аслии худ баргарданд. Солҳои 1925-1927 тақрибан 40 ҳазор нафар, ё то 7 ҳазор хоҷагӣ ба ватан баргаштанд. [3, с.45] Ҳукумати Шӯравӣ барои ташкил намудани шароит ба муҳоҷирони баргашта ба маблағи 600 ҳазор рубл қарз ҷудо намуда буд. [4, с.31] Ба ҳар як хоҷагии муҳоҷирони бозпасомада қитъаи замин ва қарзи пулии бебозгашт барои хариди чорвои корӣ, асбобҳои кишоварзӣ ва сохтмони манзил дода мешуд. Аксарияти муҳоҷирони бозпасомада дар вилояти Қӯрғонтеппа, ки дар он ҷо замин зиёд буд, ҷойгир шуда, тадриҷан заминҳои навро обёрӣ ва ба гардиши кишоварзӣ ворид месохтанд.

Барқароркунии соҳаи кишоварзӣ аз ҳалли масъалаи муҳимтарини ҳаёти деҳа – масъалаи аграрӣ ҷудо набуд. Дар қарори Пленуми якҷояи октябрии (соли 1927) КМ ва КМ ҲКУ (б) «Дар бораи кор дар деҳот» чунин гуфта шуда буд: “Диктатураи пролетариат дар ИҶШС шароит ва ба туфайли ин раванди рушди кишоварзиро бунёдан тағйир дода, дар деҳот намуди усулан нави инкишофи муносибатҳои аграрӣ, намуди нави гурӯҳбандии синфӣ ва самти дигари рушди шаклҳои хоҷагидориро ба вуҷуд меорад” [5, с.524].

Ҳамин тариқ, Пленум сиёсати давлати шӯравиро дар робита ба қишрҳои гуногуни аҳолии деҳот муайян карда, махсусан зикр намуд, ки сиёсати мазкур “ба тарафдории ҳамаҷонибаи табақаҳои камбағал ва миёнаҳоли деҳот ва, вобаста аз шароит, бо роҳҳои гуногун маҳдуд сохтани саъю кӯшишҳои истисморгаронаи буржуазияи деҳот нигаронида шудааст” [5, с.525].

Ин дастурҳои бунёдии Пленуми октябрӣ баъдан дар қарорҳои Съезди XV-уми ҲКУ (б) инъикос ёфтаанд, ки ташкилоти ҳизбии ҷумҳуриро ба амалигардонии тадбирҳои иҷтимоӣ ва дар навбати аввал, тадбирҳои аграрӣ дар деҳоти тоҷик бо назардошти хосиятҳои он равона намудаанд.

Зикр намудан зарур аст, ки дар муқоиса бо Русияи марказӣ ва, ҳатто, аксари дигар минтақаҳои Осиёи Марказӣ, вижагиҳои ҶМШС Тоҷикистон дар бениҳоят қафомондагии иқтисодии он, мавҷудияти боқимондаҳои феодалӣ, маърифати пасти сиёсии табақаҳои меҳнаткаш ва вобастагии амиқи идеологӣ ва иқтисодии онҳо аз бою рӯҳониён зоҳир мегардид.

Дар чунин шароит вазифаҳои таҳкими мавқеи сиёсии Ҳокимияти Шӯравӣ дар деҳот, баланд бардоштани шуури синфии оммаи меҳнаткашу батракон ва ба мубориза баҳри манфиатҳои худ муташаккил сохтани онҳо ба мадди аввал мебаромаданд.

Ташкилоти ҳизбии ҷумҳурӣ корҳои зиёдеро барои амалӣ намудани вазифаҳои зикршуда ба анҷом расонид. Дар марҳилаи аввал, шумораи аъзои ташкилоти ҳизбӣ чандон зиёд набуд: дар аввали соли 1925 он танҳо 435 нафар коммунистонро муттаҳид менамуд [6, с.37]. Аммо, тадриҷан ташкилоти ҳизбӣ сафи худро аз ҳисоби намояндагони пешқадами меҳнаткашон афзоиш дода, мустаҳкамтар гардид ва робитаи худро бо омма васеъ намуд. Дар фаъолияти худ ташкилоти ҳизбӣ ба иттиҳодияи “Кӯшчӣ”, ки пас аз ташкили ҷумҳурӣ расман таъсис ёфта буд, ба иттифоқи касабаи кормандони замин ва ҷангал (“Рабземлес”) ва ташкилоти комсомолӣ такя мекард.

Баъд аз таъсис ёфтани ҷумҳурӣ ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ ҷалб намудани оммаи меҳнаткашон аҳамияти калони сиёсӣ дошт. Дар баҳори соли 1925 Кумитаи инқилобӣ дар бораи барҳам додани боқимондаҳои дастгоҳи кӯҳнаи маъмурӣ –

оқсақолу амлокдорҳо қарор қабул карда, вазифаҳои онҳоро ба кумитаҳои маҳаллии инқилобӣ ва мақомоти Комиссариати халқии молия супорид. Дар давоми солҳои 1925-1926 дар натиҷаи ду маъракаи интихоботӣ гузариш аз Кумитаҳои инқилобӣ ба Шӯроҳо – мақомоти намояндагии меҳнаткашон сурат гирифт.

Ҳамин тариқ, раванди барқарор шудани Ҳокимияти шӯравӣ дар деҳоти ҶМШС Тоҷикистон дар муборизаи шадиди синфӣ сурат гирифт. Дар ҳисоботи Ҳукумати ҷумҳурӣ оид ба маъракаи интихоботи соли 1926 чунин гуфта шуда буд: "Таъсири идеологӣ ва фишори иқтисодӣ аз ҷониби рӯҳониён ва боён ба қишрҳои камбизоаттарин ҳанӯз ҳам қавӣ буд ва то маъракаи интихобот пурра боқӣ монда буд" [7]. Дар марҳилаи маъракаи пешазинтихоботӣ, вақте ки усулҳои маъмулии таъсиррасонии табақаҳои истисморгар ба мардуми меҳнаткаш натиҷаи матлуб намедод, онҳо ба зӯроварӣ даст мезаданд. Чуноне ки дар газетаи "Правда" навишта шудааст: «Дар ҶМШС Тоҷикистон бойҳо батракҳоро дошта мезаданд, онҳоро аз хоҷагияшон меронанд, ба мақсади ба маҷлисҳо роҳ надодан ҳабс мекунанд. Ҳамчунин ҳодисаҳои куштори батракон мушоҳида мегардад». [8] Баракси фишори боён ба деҳқонон, ташкилоти ҳизбии ҷумҳурӣ бо такя бар ташкилотҳои ҷамъиятии оммавӣ ва деҳқонони фаъол дар деҳот корҳои васеи таблиғотӣ ва фаҳмондадиҳиро анҷом медод. Маъракаи интихоботӣ таҳти чунин шиорҳо баргузор карда мешуд: "Камбағалҳо ба Шӯро!", "Боён ва думбардорони онҳо аз Шӯро дафъ шавед!", "Батрак, камбағал, миёнаҳол - девори мустаҳками атрофи Шӯро" [9]

Ҷараёни ҷамъомадҳои пешазинтихоботии интихобкунандагон ва натиҷаҳои интихоботи соли 1926 нишон доданд, ки дар рӯҳияи сиёсии деҳқонон тағйироти муайян ба вуҷуд омадааст. Дар интихобот 35%-и интихобкунандагон иштирок карданд. Дар натиҷа 253 Шӯрои қишлоқ, 75 Шӯрои кент, 19 туман, 6 комиҷроияи вилоятӣ, аз ҷумла комиҷроияи ВМБК интихоб карда шудаанд [10, с.121]. Дар шӯроҳои навинтихобшудаи деҳот беш аз нисфи аъзоро батракон, чоряккорон ва деҳқонони камзамин ташкил медоданд, тақрибан сеяки аъзо деҳқонони миёнаҳол буданд. Ба ҳайати Шӯроҳо 6-9% унсурҳои бегонаи иҷтимоӣ низ роҳ ёфта буданд. [11, с.425]

Интихоботи зикршуда дар таърихи халқи тоҷик аввалин бор имкон дод, ки меҳнаткашон – деҳқонон ва батракон, ки аксари онҳо аз боён вобаста буданд ва то ба қарибӣ аз ҳамаи ҳуқуқҳо маҳрум буданд, ба идораи давлатӣ ҷалб карда шаванд. Албатта, шуури мансубият ба ҳокимияти давлатӣ дар деҳқонон бо тезӣ ташаккул наёфт. Аммо интихоби намояндагони онҳо ба Шӯроҳо ҳамчун як мактаби муҳимми муборизаи сиёсӣ ва тарбияи синфӣ хизмат мекард.

Набудани одамони босавод дар байни меҳнаткашони маҳаллӣ водор месохт, ки қисме аз мансабдорони кӯҳнаи ба Ҳукумати Шӯравӣ муносибати мӯътадилдошта ба кор дар муассисаҳои шӯравӣ ҷалб карда шаванд. Дар солҳои аввали баъди таъсиси ҶМШС Тоҷикистон бо назардошти мулоҳизаҳои сиёсӣ ба истифодаи ба ном "ашхоси бонуфуз" ё "ашхоси мӯътабар" ба манфиати Ҳокимияти Шӯравӣ низ роҳ дода мешуд. Ин масъала дар маҷлиси Бюрои ташкилии ҲК (б) Узбекистон дар ҶМШС Тоҷикистон аз 2 апрели соли 1925 баррасӣ гардид. Дар он тасмим гирифта шудааст, ки ба таври муваққатӣ ба ҳузури намояндагони ба Ҳукумати Шӯравӣ муносибати мӯътадил доштаи боён ва рӯҳониён дар мақомоти давлатӣ иҷозат дода шавад.[12] Аммо ҳамаи ин тадбирҳо хусусияти муваққатӣ доштанд ва аз қафомондагии иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ манша мегирифтанд. Баробари болоравии шуури синфии деҳқонон, рафъи бесаводии аҳолӣ ва таҳкими мақомоти ҳокимияти давлатӣ аз ҷониби намояндагони мардуми меҳнаткаш зарурат ба тадбирҳои мазкур аз миён рафт.

Ташкилоти ҳизбии ҷумҳурӣ масъалаи муносибат ба боён ва роҳи ҳалли проблемаҳои аграриро борҳо мавриди баррасӣ қарор дода буд. Дар замоне, ки дар ҷумҳурӣ мубориза баҳри аз байн бурдани боқимондаҳои дастаҳои босмачиён идома дошт, дар пленуми I-уми (васеи) Бюрои ташкилии ҲК (б) Ӯзбекистон дар ҶМШС Тоҷикистон, ки моҳи ноябри соли 1925 ҷамъ омада буд,сиёсати безарар гардондани боён ва рӯҳониён қабул гардид, ҳамчунин ба омӯзиши муносибатҳои замину об дар ҷумҳурӣ оғоз гузошта шуд. Пленуми II-юми (васеи) Бюрои ташкилӣ моҳи ноябри соли 1926 баргузор гардид. Ба муносибати тағйир ёфтани вазъи сиёсӣ, яъне комилан аз байн рафтани ҳаракати босмачигарӣ ва шӯравикунонии деҳот, дар назди ташкилоти ҳизбӣ вазифаи гузариш аз безараргардонии унсурони истисморӣ ба ҷудосозии сиёсии онҳо ва минбаъд ба даст овардани боварии оммаи васеи меҳнаткашон, ба миён гузошта шуд.

Дар шароити мушаххаси он замон, ҳамлаи қатъӣ бар алайҳи боён бармаҳал буд ва метавонист мушкилоти ҷиддии сиёсиро ба миён оварад. Бинобар ин Пленуми II Бюрои ташкилӣ қарор қабул намуд, ки дар ояндаи наздик ислоҳоти замину об гузаронда нашавад. [13]

Масъалаи сабаби нагузаронидани ислоҳоти замину об дар ҶМШС Тоҷикистон баръакси Тоҷикистони Шимолӣ, муддати тӯлонӣ баҳсбарангез буд. Посух ба ин савол таҳлили шароити мушаххаси иҷтимоию сиёсии он замонро талаб мекунад.

Дар Тоҷикистони Шимолӣ меҳнаткашон аз мактаби ҷиддии муборизаи сиёсӣ ва синфӣ гузаштанд. Муҳимтарин марҳилаҳои он инқилоби якуми рус, шӯриши соли 1916, инқилоби буржуазию демократии февралӣ буданд. Бо ғалабаи Инқилоби Октябр деҳқонон якҷоя бо синфи коргар ҳарчи бештар ба раванди сохтмони сотсиалистӣ ҷалб карда мешуданд. Аз нахустин дигаргунсозиҳои аграрӣ, ки фавран пас аз инқилоб оғоз ёфта буд, то ислоҳоти замину об ҳафт сол гузашт. Дар ин муддат Ҳокимияти Шӯравӣ мустаҳкам шуд ва ташкилоти ҳизбӣ тавонист дар байни деҳқонон корҳои зиёди ташкилӣ ва тарбиявиро гузаронад. Омилҳои мазкур барои ислоҳот, ки муҳимтарин марҳалаи роҳи сохтмони сотсиализм гардид, шароити заруриро фароҳам овард.

Дар минтақаҳои марказӣ ва ҷанубу шарқии Тоҷикистон вазъ тамоман дигар буд. Бухорои Шарқӣ ва Помир минтақаҳои аз лиҳози иқтисодӣ ва фарҳангӣ аз ҳама қафомонда дар Осиёи Марказӣ буданд. Дар ин минтақаҳо саноат ва синфи коргари саноатӣ вуҷуд надошт. Аҳолӣ қариб ки тамоман бесавод буд. Марбутан ба мавқеи ҷуғрофии худ ин минтақаҳо аз марказҳои бузурги саноатӣ ва фарҳангӣ ҷудо гардида буданд. Дар ин минтақаҳо феодализм решаҳои нисбатан қавӣ дошт, дар Помир ҳатто боқимондаҳои муносибатҳои қабилавӣ ба мушоҳида мерасид. Бесабаб нест, ки муддати тӯлонӣ минтақаҳои марказӣ ва ҷанубу шарқии Тоҷикистон аз набардҳои синфӣ ва муборизаҳои инқилобӣ дар канор монда буданд. Ба ин минтақаҳо танҳо акси садои онҳо мерасиданд. Деҳқонони меҳнаткаш ба таври стихиявӣ бар зидди истисморгарони худ меҷангиданд, аммо то рӯйдодҳои инқилобии ибтидои солҳои 20 –уми садаи бист онҳо дар симои синфи коргар иттифоқчӣ ва роҳнамо надошт.

Аввалин мактаби ҷиддии муборизаи синфӣ ва тарбияи синфӣ барои меҳнаткашони Бухорои Шарқӣ ва Помир мубориза барои барқарор намудани Ҳокимияти Шӯравӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ буд. Намояндагони пешқадами онҳо қотеона Хокимияти Шӯравиро ҷонибдорӣ намуда, фаъолона ба мубориза барои дигаргунсозиҳои иҷтимоӣ ҳамроҳ шуданд. Аммо аксарияти деҳқонон, ки аз ҷиҳати сиёсӣ ақибмонда буда, таҳти таъсири сахти дин ва рӯҳониён қарор доштанд, ҳамчунин аз зулми феодалӣ рӯҳияашон шикаста буд, тадриҷан бедор мегаштанд. Онҳоро муттаҳид, муташаккил ва маърифатнок сохтан, ба фаъолнокии инқилобии онҳо баҳри мубориза барои манфиатҳои синфияшон ангеза бахшидан лозим буд. [14]

Маҳз адами камолоти синфии деҳқонони минтақаи мазкур монеаи асосии баргузории

ислоҳоти замину об дар ҶМШС Тоҷикистон гашта буд. Аз ин рӯ, баргузор намудани ислоҳот аз боло, бе дарназардошти рӯҳия ва омодагии омма, боиси бебарории он, ташаннуҷи вазъи сиёсӣ дар натиҷаи фаъол шудани қувваҳои зиддиинқилобӣ мегардид. Ин ҳолат бошад, метавонист дар роҳи шӯравикунонии деҳоти тоҷик мушкилоти иловагиро ба миён оварад.

Муҳаққиқон далелҳои зиёди дигарро оид ба сабабҳои амалӣ нашудани ислоҳоти замину об меоваранд, ки албатта онҳоро низ бояд ба назар гирифт. Аммо, ин далелҳо наметавонанд ҳалкунанда бошанд. Харобии иқтисодии пас аз ҷанг, заифии мақомоти Ҳокимияти Шӯравӣ дар маҳалҳо, ба қадри бояду шояд омӯхта нашудани муносибатҳо оид ба замин аз он ҷумлаанд. Аммо, сарфи назар аз набудани шароит барои гузаронидани ислоҳот, ташкилоти ҳизбӣ ва ҳукумати ҷумҳурӣ сиёсати аграриеро пеш гирифтанд, ки ба рушди ҳамаҷонибаи хоҷагиҳои деҳқонӣ ва маҳдуд кардани унсурҳои истисморгар нигаронида шуда буд.

Пленуми II Бюрои ташкилии ҲК (б) Ӯзбекистон дар ҶМШС Тоҷикистон тадбирҳоро дар бобати аз ҳисоби азхудкунии заминҳои нав васеъ кардани масоҳати замини деҳқонон, аз ноҳияҳои сернуфус ба заминҳои нав кӯчонидани хоҷагиҳои деҳқонӣ, муқаррар ва танзим кардани меъёрҳои истифодаи меҳнатии заминро муайян кард. Пленум дар қарори худ таъкид намуд, ки ҳамаи баҳсҳои марбут ба замину об, ки байни боён ва деҳқонони меҳнаткаш ба миён меоянд, бояд аз ҷониби комиссияҳои замину об ва "маъмулан ба фоидаи деҳқонони миёнаҳол ва камбағал ҳал шавад. (15)

Съезди I-уми муассисони Шӯроҳои ҶМШС Точикистон, ки моҳи декабри соли 1923 ҷамъ омада буд, ба масоили аграрӣ таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир намуд. Ин съезд дар қатори ҳуҷҷатҳои дигар оид ба масъалаҳои сохтмони давлатӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ санаи 10 декабр Эъломия дар бораи милликунонии замин, об, канданиҳои зеризаминӣ ва ҷангалро қабул кард. Дар он аз ҷумла чунин гуфта шуда буд: "Ҳуқуқи моликияти хусусӣ ба замин ва об дар ҳудуди Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон абадан бекор карда мешавад ва тамоми замин ва об, новобаста аз он, ки дар тобеияти кӣ қарор дорад, моликияти давлат эълон мегардад ва метавонанд бидуни ҳама гуна хариду фурӯш дар асоси истифодаи меҳнатии замин ба меҳнаткашон дода шаванд". [15, с.38] Дар эъломия инчунин принсипҳои муҳимтарини истифодаи замин ва тартиби ҳалли баҳсҳои замину обро муқаррар шуда буд.

Тамоми замину об фонди ягонаи давлатии замину обро ташкил мекунад, ки дар ихтиёри Комиссариати халқии кишоварзӣ ва Идораи хоҷагии оби ҷумҳурӣ қарор мегирад. Аз рӯи мундариҷаи эъломия категорияҳои мавҷудаи истифодаи замин бетағйир мемонданд, зеро ислоҳоти замин ва об пешбинӣ нашуда буд. Аммо тамоюли татбиқи сиёсати аграрӣ ба дастгирии деҳқонон ва маҳдуд кардани унсурҳои истисморгар нигаронида шуда буд. Масалан, майдони воқеан киштшаванда мувофиқи меъёри меҳнат ба меҳнаткашон вобаста карда мешуд. Замини аз боён ба иҷора гирифта ба ин категория дохил намешуд, вале ба Комитети Иҷроияи Марказии Шӯроҳои ҷумҳурӣ супориш шуда буд, ки масъалаи ба ихтиёри иҷоракорони меҳнаткаш дода шудани чунин заминҳоро баррасӣ кунад. Муҳоҷироне, ки то 1 ноябри соли 1927 ба ватан бармегарданд, ҳуқуқи гирифтани қитъаи замини қаблӣ ё навро дар ҳама минтақаҳои ҷумҳурӣ доштанд. Ниҳоят, ҳама гуна амалиёт оид ба замин дар шакли харид, фурӯш, ба гарав мондан, меросбарӣ ва ҳамчун тӯҳфа додани он манъ карда шуданд, ки садди рушди минбаъдаи заминдории калон гардид.

Ҳамаи парвандаҳо оид ба баҳсҳои замину об аз суди қозиёт гирифта, ба салоҳияти мақомоти шӯравӣ дода шуданд. Баррасии баҳсҳо вобаста ба истифодаи замин ба зиммаи комиссияҳои замину об ва парвандаҳо оид ба муносибатҳои замин, ки хусусияти асоратовар доштанд, ба судҳои халқӣ супурда шуданд.

Дар ин Эъломия чунин зикр шуда буд, ки "Меъёрҳои истифодаи замин бояд ба ҳар як навъи хоҷагӣ имкони истифодаи ҳадди аксари тамоми неруи кории ҳар хоҷагии алоҳидаи хонаводагӣ, ҳамчунин рушди минбаъдаи прогрессивии хоҷагии онро фароҳам оваранд". [15, с.39]

Бо мақсади васеъ намудани истифодаи замин аз ҷониби деҳқонон, дар эъломия қарори Пленуми 2-юми Бюрои ташкилӣ дар бораи кӯчонидани камбизоатон ба заминҳои нав ба таври қонунӣ мустаҳкам карда шуд.

Новобаста аз он ки Эъломия дар бораи милликунонии замин, об, канданиҳои заминӣ ва ҷангал дар хусусияти муносибатҳои истифодаи замин ва заминдорӣ тағйироти бунёдиро пешбинӣ накарда буд, он аҳамияти бузурги сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ дошт. Барҳам додани моликияти хусусӣ ба замину об ва моликияти давлат эълон гардидани онҳо асосҳои ҳуқуқии заминдории феодалиро бекор карда, имкониятҳои Ҳукумати Шӯравиро барои ба манфиати деҳқонон ҳал намудани масъалаи аграрӣ васеъ кард. Ҳамаи муқаррароти эъломия мушахассан гувоҳӣ медоданд, ки давлати шӯравӣ вазифаи мустаҳкам намудани хоҷагиҳои деҳқонӣ ва маҳдуд кардани имкониятҳои истисморгаронаи боёнро ба миён мегузорад.

Яке аз самтҳои асосии сиёсати аграрии Ҳукумати Шӯравӣ дар ҶМШС Тоҷикистон кӯчонидани деҳқонон аз минтақаҳои сераҳолӣ ба минтақаҳои камаҳолӣ буд, ки дар он ҷо заминҳои озод зиёд буданд. Дар қарори Съезди якуми муассисони Шӯроҳои ҷумҳурӣ оид ба гузориши Кумитаи инқилобӣ чунин гуфта шуда буд: "Дар баробари мавҷудияти майдонҳои зиёди холии замин дар минтақаҳои водӣ, мо дар минтақаҳои кӯҳӣ, ки аксарияти аҳолии онҳо тоҷиконанд, маҳдудии заминро эҳсос мекунем.. Ин нобаробарии таърихан ташаккулёфтаи рушди кишоварзӣ, ки омили асосии боздорандаи инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда аст, бояд тавассути ташкили аз рӯи нақша муҳоҷиркунии дохилии аҳолӣ ва истифодаи пурраи заминҳои озод бартараф карда шавад."[16]

Дар воқеъ, ҳатто агар қишрбандии иҷтимоии деҳа ба назар гирифта нашавад, дар баъзе минтақаҳои ҷумҳурӣ аҳолӣ норасоии шадиди заминро эҳсос мекард. Таҳлил нишон медиҳад, ки дар минтақаҳои кӯҳистон қитъаи замине, ки рӯзгузарониро таъмин мекард, 0,4 десятина ба ҳар сари аҳолӣ муайян карда шуда буд, дар ҳоле ки дар бисёр ноҳияҳо ба ҳар сари аҳолӣ аз ин ҳам камтар замин рост меомад.Аз ҷумла дар тумани Ғарм ба ҳар сари аҳолӣ - 0,2 десятина, дар ноҳияи Дарвоз бошад - 0.1 десятина рост меомад. [17] Дар волости Ишкошими ВМКБ ба ҳар як сари хӯранда 1,5 га, дар волости Бартан бошад, ҳамагӣ 1/10 га замин рост меомад. Норасоии замин дар як қатор ноҳияҳои Кӯлоб, Ҳисор ва дигар вилоятҳо низ ба назар мерасид.

Ҳамин тариқ, сарфи назар аз мушкилоти сершумори иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ, инчунин идома ёфтани ҳаракати босмачигарӣ дар солҳои аввали таъсиси Ҳокимияти Шӯравӣ дар Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон заминаи боэътимоди рушди минбаъдаи соҳаи кишоварзӣ гузошта шуда буд.

### *Пайнавишт:*

1. *Фаньян Д. К истории советского строительства в Таджикистане (1920-1929 гг.). Сб. документов, Ч.1.- Сталинабад, 1940. – 179 с.*
2. *Шарипов Я. Борьба трудящихся масс Таджикистана за укрепление Советской власти в период деятельности Революционного комитета Таджикской АССР (1924-1926 гг.). – Труды Института истории, археологии и этнографии АН Таджикской ССР, Т. 39. Сталинабад, 1955. – 268 с.*
3. *Отчёт организационного бюро КП(б) Узбекистана в ТАССР, 380с.*
4. *Народное хозяйство Таджикистана.- Душанбе: Союзучетиздат,1972 (к 50-летию СССР) – 225 с.*

5. *КПСС в резолюциях и решениях съездов, конференций и пленумов.- Москва, 1983. Т. 3 (1922-1925).- 670 с.*
6. *Коммунистическая партия Таджикистана в документах и цифрах. – Душанбе: Ирфон, 1984. - 165с.*
7. *ЦГА РУз, ф. 86, оп. 1, д. 4043, л. 10.*
8. *Правда. 1926. 30 ноября.*
9. *ЦГА РУз. Ф. 86. Оп. 1, Д. 3372, Л. 8.*
10. *Искандаров М. Из истории советского строительства в Таджикистане (1929-1937 гг.). – Душанбе: Дониш, 1986.- 203с.*
11. *Раджабов С.А. В.И.Ленин и советская национальная государственность. –Душанбе: Ирфон, 1970. – 686 с.*
12. *ЦПА ИМЛ, Ф. 623. Оп. 1. Д. 305. ЛЛ. 42-43.*
13. *ПА ТФ ИМЛ, Ф. 63. Оп. 1. Д. 2. Л. 92.*
14. *ПА ТФ ИМЛ, Ф. 63. Оп. 1. Д. 2. Л. 92.*
15. *Из истории коллективизации сельского хозяйства и колхозного строительства в Таджикской ССР. 1926-1937 гг. Сб. документов и материалов. Том 1. –Душанбе: Ирфон.- 686 с.*
16. *ЦГА РТ. Ф. 12. Оп. 1. Д. 5. Л. 87.*
17. *ЦГА РУз. Ф. 837. Оп. 2. Д. 216. Л. 146.*

**_Referense Literature:_**

1. *Fanyan D. To the History of Soviet Building in Tajikistan (1920-1929). Compilation of Documents. Part. 1. - Stalinabad, 1940. – 179 pp.*
2. *Sharipov Y.A. The Struggle of the Working people of Tajikistan for Strengthening of Soviet Government in Period of Functioning of Revolutionary Committee of the Tajik ASSR (1924-1926). – Works of the Institute of History, Archeology and Ethnography of the Academy of Science of the Tajik SSR. -V. 39. Stalinabad, 1955. – 268 pp.*
3. *Report of Organizational Bureau of the Communist (Bolshevik) Party of Uzbekistan in TASSR, - 380 pp.*
4. *National Economy of Tajikistan. – Dushanbe. Soyzuchyotizdat. 1972 (to the 50-th Anniversary of the USSR).-225 pp.*
5. *CPSU in Resolutions of Congresses, Conferences and Plenums. – Moscow, 1983. – V.3. (1922-1925). – 670 pp.*
6. *The Communist Party of Tajikistan in Documents and Figures. Dushanbe: Cognition, 1984, - 165 pp.*
7. *Central State Archive of Uzbekistan Republic. File 8, inv.1. case 4043, sheet 10.*
8. *"Pravda", 1926, November 30.*
9. *Central State Archive (CSA) of Uzbekistan Republic. File 86, inv. 1, case. 3372, sheet. 8.*
10. *Iskandarov M. From the History of Soviet Building in Tajikistan (1924-1929). - Dushanbe: Knowledge, 1986. – 203 pp.*
11. *Rajabov S.A. V.I. Lenin and Soviet National Statehood. – Dushanbe: Cognition, 1970. – 686 pp.*
12. *CPA of Marxism-Leninism Institute, f. 623, inv. 1, d. 305, - pp. 42-43.*
13. *PA TF of Marxism-Leninism Institute, f. 63, inv. 1, d. 2, - p. 92.*
14. *PA TF of Marxism-Leninism Institute, f. 63, inv. 1, d. 2, - p. 92.*
15. *From the History of Collectivization of Agriculture and Collective Farm Building in the Tajik SSR. 1926-1927. Collection of documents and materials 1. – Dushanbe: Cognition, - 686 pp.*
16. *CSA of the Republic of Tajikistan, f. 12, inv. 1, case. 5, sheet. 87.*
17. *CSA of the Republic of Uzbekistan, f. 837, inv. 2, case. 216, sheet. 146.*